# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комиссия – дотсент, д.и.т. Тиллоев С.С., аъзоёни комиссия профессор, д.и.т Маликов М.Ҳ ва д.и.т Додхудоева Л.Н.,ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 27.03.2025 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)-ро баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

1. **Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки ин мавзуъ дар илми таърихнигории ватанӣ ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҳанӯз омӯхта нашудааст. Ба он танҳо мақолаҳои алоҳидаю пароканда бахшида шудааст. Ҳол он, ки масъалаи саноатикунонии кишвар дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст ва ҳанӯз соли 2016 Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал баровардa буданд, ки Тоҷикистонро мо бояд аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати тараққикардаи саноативу аграрӣ табдил диҳем. Соли 2018 бошад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон карда шавад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мавзуи мазкур барои муайян намудани нақши саноат, хоса саноати сементбарорӣ, дар иқтисодиёти Тоҷикистон, мавқеи ҷумҳурӣ дар ҷодаи истеҳсол ва содироти семент мусоидат менамояд.
2. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муҳаққиқ мавзуи омӯзиш ва таҳлили таърихи корхонаи сементбарории шаҳри Душанберо барои замони Шуравӣ ва даврони истиқлолият ҳадафи таҳқиқоти худ қарор дода, барои расидан ба ин мақсад ҳалли 11 масъаларо вазифагузорӣ намудааст.
3. **Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” аз даврони Шуравӣ (соли 1942) то соли 2021, яъне 30-солагии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст заминаҳои

таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи зикршуда, марҳилаҳои асосии тақвияти фаъолияти корхона, нақши он барои равнақ додани саноати ҷумҳурӣ, дурнамои инкишофи он мавриди омӯзиш қарор гирифта, инчунин имкониятҳои рушди минбаъдаи он бо инобати захираҳои табиии кишвар таҳқиқ карда шудаанд.

**4. Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии** таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки мавод ва хулосаҳои онро метавон дар асnои навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи Тоҷикистон барои давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ, асарҳои маҷмӯӣ доир ба таърихи саноатикунонии кишвар, ҳангоми таҳияи курсҳои лексионӣ аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон» истифода намуд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои алоҳидаи ҳалталаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати сементбарорӣ муфид арзёбӣ карда мешаванд.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ба назар мерасад, ки муаллифи диссертатсия дар истифодаи маводи зиёди бойгонишуда ҳамчун сарчашмаи муътамад мустақиман ширкат варзидааст. Ҳамчунин ӯ шароити фаъолияти корхонаро аз дохил мушоҳида намуда, бо аҳли раёсат ва кормандон, хоса собиқадорони меҳнат суҳбатҳо анҷом дода, бахрабардории худро ба сифати сарчашмаи илмӣ қарор додааст.

6. Диссертатсия тибқи талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихи ватанӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ

мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 86,52% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Азизхонова Р.Г. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Ҳомидзода Фурқат Муқим - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Муллоҷонзода Асадулло Кучак - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсоли он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, дотсент Тиллоев С.С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М. Ҳ.

доктори илмҳои таърих Додхудоева Л. Н.

"14" июли с. 2025